«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», доктори илмҳои таърих, профессор
__________Усмонзода Аюб Ислом
«_30_»_____июня_____2022с.

# ХУЛОСАИ

**Шӯрои олимони факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

Хулосаи Шӯрои олимони факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба диссертатсияи Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна дар мавзуи «Имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ 13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ (илмҳои педагогӣ).

Диссертатсияи Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна дар мавзуи «Имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ 13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ (илмҳои педагогӣ) ба муҳокима пешниҳод шудааст. Диссертатсия дар кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «Донишгоҳи

давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» тайёр шудааст ва кори илмии ба анҷомрасида ба ҳисоб меравад.

Рисолаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» муҳокима ва баррасӣ гардида, ба ҳимоя пешниҳод гардидааст.

Шӯрои олимони факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсус (дар протоколи №11 аз санаи 24.06.22) диссертатсияи Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовнаро дар мавзуи «Имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо иштироки муқарризон – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Раҳмонова Дилбар Зикриёевна, инчунин бо муқарризони холис дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ Раҳмонов Зикриё Пӯлотович ва номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Кучибоев Шӯҳрат Икромбоевич рисолаи мазкурро муҳокима ва баррасӣ намуданд.

Раиси Шӯрои олимони факултет, дотсент Рабиев С.М. ҷаласаро оғоз намуд ва сухани аввалин ба муқарризи холиси рисола дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ Раҳмонов Зикриё Пӯлотович дода шуд. Устод Раҳмонов З П. қайд намуд, ки ба ташаккул додани ҷаҳонбинии илмии ҷомеа, рушди шавқи маърифатии ҷавонон ва тафаккури техникӣ, пайванди илм бо истеҳсолот ва хусусан, ҷалб намудани ҷавонон ба ихтироъкорӣ ва навоварӣ имконият медиҳад.

Дар марҳилаи ташаккулёбии озмоиш, корҳои мураккаби таълимӣ, тарбиявӣ ва санҷидани натиҷабахшии чунин омодагӣ дар раванди фаъолияти донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ва мактаб дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ ба анҷом расонида шудааст.

Дар диссертатсия модели аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан, коркард ва санҷиши озмоишии методҳо, шаклҳо ва мундариҷаи омодагии донишҷӯён ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шудааст.

Таҳқиқгар исбот намудааст, ки шарти муҳимтарини фароҳам овардани асосу ангезаҳои хонандагон ба азхудкунии маҷмӯи зарурии донишҳо, инкишоф додани шавқи маърифатии онҳо мебошад. Ҳадафи асосӣ аз иқдомоти зикршуда ташаккул додани ҷаҳонбинии илмии ҷомеа, рушди шавқи маърифатии ҷавонон ва тафаккури техникӣ, пайванди илм бо истеҳсолот ва хусусан, ҷалб намудани ҷавонон ба ихтироъкорӣ ва навоварӣ ба шумор меравад.

Дар баромади навбати муқарриз номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Кучибоев Шӯҳрат Икромбоевич қайд намуд, ки нуқтаҳои асосии рисола, натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои пешниҳодгардида ба ягонагии принсипҳои методологӣ ва педагогии таҳқиқот, арзёбии диалектологии раванди таълиму тарбия, равшану возеҳ будани фарзия (асоснокии он, дастрасӣ) асос меёбанд.

Дар баромади худ оид ба рисолаи илмии Қаҳорова С.Х. зикр намуд, ки дар шароити имрӯзаи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи асосии низоми таҳсилот тарбияи шахсияти соҳибсаводи зудҳаракате мебошад, ки барои мустақилона ба даст овардани донишҳои назариявӣ ва азхудкунии маҳорати амалӣ қобилият дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрӣ – ҳуқуқие вуҷуд доранд, ки ҳадафу вазифаҳои инкишофи низоми таҳсилотро таъйин мекунанд.

Дар рисола масъалаҳои асосии муаммои ташаккули шавқи маърифатии хонандагон ва омода кардани кадрҳои педагогии сатҳи тахассусашон баланд дар таҳқиқоти муосири психологию педагогӣ яке аз ҷойҳои асосиро ишғол менамояд. Ба ҳалли муаммои мазкур ба андозаи назаррас самаранокии раванди таълим вобаста аст, зеро шавқу рағбат фишанги муҳими фаъолияти маърифатии мактаббача ва воситаи асосии беҳтаргардонии он мебошад.

Дар хулоса устод Раҳмонов Зикриё Пӯлотович ибрози ақида намуд, ки диссертатсияи Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна дар мавзуи

«Имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳимоя тавсия дода мешавад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи муҳокима ва баромади як қатор муқарризон – чунин:

**ҚАРОР ҚАБУЛ ШУД:**

1. Диссертатсияи Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна дар мавзуи «Имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сатҳи зарурии илмӣ – назариявӣ навишта шуда ба талабот ва меъёрҳои «Низомнома оид ба тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ мебошад.

2. Мазмуни муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ дар автореферат интишор гардидааст, бо мундариҷа ва номи мавзуи рисола мувофиқ буда, моҳияти кор якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳое, ки аз тарафи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудааст, инъикос ёфтааст.

3. Кори диссертатсионии Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна дар мавзуи «Имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ 13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ (илмҳои педагогӣ) мутобиқ буда, барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D – КОА – 046 тавсия дода мешавад.

Дар ҷаласа 15 нафар аъзоёни Шӯрои олимони факултет иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 15 нафар, зид – нест, бетараф – нест. Бо як овоз қарор қабул карда шуд.

| | |
|---|---|
| Раиси Шӯрои олимони факултет, дотсент | Рабиев С.М. |
| Муқарризи холис, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент | Кучибоев Шӯҳрат Икромбоевич |
| Муқарризи холис, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент | Раҳмонов Зикриё Пӯлотович |
| Котиби Шӯрои олимони факултет | Раҳмонова Д.З. |

ФАКУЛТЕТИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ ВА ПЕДАГОГИКАИ

*«Имзоҳои Рабиев С.М, Кучибоев Ш.И, Раҳмонов З.П, ва Раҳмонова Д.З.-ро тасдиқ мекунам»*
*Мудири РК ва КМ – и МДТ*
*«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»* *Наврузов Э.М.*

*Маълумот барои тамос:*
*735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш.Хуҷанд, к.Мавлонбеков – 1*